Schweizerische Eidgenossenschaft
Confédération suisse
Confederazione Svizzera
Confederaziun svizra

**Swiss Cooperation Office Tajikistan**

Оҷонсии Швейтсария оид ба рушд ва ҳамкорӣ (ОШРҲ - SDC)
Барномаи фарҳанг ва санъати Осиёи Марказӣ

# Эълони озмуни №2:

# <u>ГРАНТ барои ЛОИҲА</u>

***“Эҷодиёти фарҳангӣ гуногунрангӣ, зарфият ва нигарониҳои ҷомеъаро инъикос карда, фазои муколимаи гуногунандеширо фароҳам месозад”***

ДАСТУРАМАЛ

Лоиҳаҳо ва ҳуҷҷатҳо барои иштирок дар озмун
<u>то 31 марти с. 2017 соати 17:00 (вақти маҳаллӣ )</u>
қабул карда мешаванд.

Як дархосткунанда метавонад танҳо як лоиҳаро пешниҳод намояд.

## *1. ҲАДАФ ВА ЗАМИНА :*

Дафтари Швейтсария оид ба ҳамкорӣ дар Тоҷикистон дар чаҳорчӯбаи барномаи минтақавии худ оид ба фарҳанг ва санъат барои қабули пешниҳодҳо барои Грантҳои лоиҳа озмун эълон мекунад. Ҳадафи барномаи мазкур дар дастгирии эҷодиёти фарҳангии гуногуни Осиёи Марказӣ аст, ки ба таври мусбӣ саҳми худро дар раванди таҳавуллоти осоишта ва демократӣ мегузоранд.

Грантҳо барои лоиҳа ба ташкилотҳои салоҳиятдори умедбахши ғайритиҷоратӣ, гурӯҳҳои ташаббускор ё шахсони алоҳидаи соҳаи фарҳангу санъат, барои амалӣ гардонидани лоиҳаҳои гуногуни эҷодӣ, ки дар зиёд шудани пешниҳодҳои фарҳангӣ, гуногунрангии фарҳангӣ ва ягонагии иҷтимоӣ саҳми худро мегузоранд, пешкаш карда мешаванд.

**Муддат:** татбиқи як лоиҳа бояд на зиёда аз 12 моҳ бошад.

**Ҳадди маблағгузорӣ** на зиёд аз 30,000 Франки швейтсарӣ (**CHF**), ки бо асъори миллӣ дода мешавад.
Аз дархосткунанда талаб карда мешавад, ки 5 % буҷаи умумии лоиҳаро хамчун саҳми худ (молиявӣ ва ё ғайримолиявӣ), ё ин ки саҳми донори дигар дошта бошад.

***Истисно:*** Маблағ барои *фаъолияти шахсӣ дода намешавад. Аз ҷумла, барои гузаронидани намоишгоҳҳо ва консертҳои шахсӣ, чоп намудани монографияҳо, истеҳсоли филмҳои бадеӣ, чорабиниҳои ҷашнӣ, сафарҳо (ба монанди иштирок дар фестивалҳо, сафарҳои омузишӣ, ва ғайра) ва хариди таҷҳизотҳо.*

## *2. МЕЪЁРҲОИ ҚАБУЛ*

*Умумӣ*
Ташкилотҳои ғайритичоратии босалоҳияти маҳаллӣ, ки дар соҳаи санъату фарҳанг фаъолият доранд, дар Тоҷикистон расман ба қайд гирифта шудаанд, шахсон ва гурӯҳҳои ташаббускор, ки хусусиятҳои зеринро доранд, метавонанд дархости худро пешниҳод намоянд:

- Ӯҳдадор ва ноил будан ба арзишҳои демократӣ, ба монанди эҳтироми гуногунрангӣ , гуногунандешӣ, баробарии гендерӣ, таҳаммулпазирӣ ва ҳуқуқи башар, ки тавассути фаъолият, асарҳои эҷодӣ, ҳамкорон, иштирокчиён ва баҳрабарандагон баён шудааст. Омода будан барои ҳамкорӣ бо дигар фаъолони соҳаи фарҳангу санъати минтақаи Осиёи Миёна.
- Дорои маҳорати баланди ташкилотӣ ва фарҳангӣ барои амалӣ намудани лоиҳаи пешниҳодшуда.

*Махсус:*
Грантҳо барои лоиҳа ба чунин фаъолиятҳое дода мешавад, ки ақалан 2 сифати зеринро дошта бошанд:

- Навоварӣ дар равишҳои нав, малакаҳои нав ва услубҳои техникӣ, шаклҳои нави ҳамкорӣ.
- Фарогирии маҳалҳои деҳот ва дурдаст, гурӯҳҳои имкониятаашон маҳдуд ва гурӯҳҳои хурди этникӣ.
- Огоҳонӣ оид ба масъалаҳои иҷтимоӣ.
- Фаъолияти омӯзишӣ, робита бо ҷомеа барои зиёд намудани ҳавасмандиву завқмандӣ , ҷалб ва қадрдонии санъат ва фарҳанг.

### *3. ПЕШНИҲОДИ ДАРХОСТ ВА РАВАНДИ ИНТИХОБ*

Тақсимоти Грантҳои лоиҳа бо раванди зерин баргузор мегардад:

- Ҳамаи ташкилотҳои ҳавасманд, шахсон ва гуруҳҳои ташаббускор, ки хусусиятҳои дар боло овардашударо доранд, метавонанд дархости худро то санаи 31 марти соли 2017 то соати 17:00 (бо вақти маҳаллӣ) ирсол намоянд.
- SDC ҳамаи дархостҳоро баррасӣ менамояд.
- SDC беҳтаринро интихоб мекунад, ва ба ғолибомада охири моҳи апрели 2017 дар тамос мешавад.

Хоҳиш мекунем, ки ба маълумоти зерин диққат диҳед:

- Ҳуҷҷатҳои нопураи дархост ва ҳуҷҷатҳое, ки пас аз мӯҳлати дар боло зикршуда пешниҳод шудаанд, баррасӣ намешаванд.
- Ариза бо забони англисӣ, русӣ ва ё тоҷикӣ на зиёда аз 6 саҳифа бояд пешниҳод кард ( чопи Arial 11 ).
- Ариза ва кулли ҳуҷҷатҳо бояд дар варақаи расмии ташкилот (агар аз номи ташкилот супорида шавад) ё ин ки бо имзои дархосткунанда супорида шаванд.
- Кулли ҳуҷҷатҳо бояд дар як файл бо тариқи почтаи электронӣ ба суроғаи: muattarkhon.bashirova@eda.admin.ch ва ҳамчунин ба суроғаи Дафтари Швейтсария оид ба ҳамкорӣ, шаҳри Душанбе, кӯчаи Толстой,3 пешниҳод шаванд. Дафтари Швейтсария оид ба ҳамкорӣ баъд аз баррасии аввалина метавонад ҳуҷҷатҳои иловагиро аз дархосткунанда талаб намояд.
- Маълумоти иловагиро оид ба раванди ҳуҷҷатсупорӣ метавонед ба тариқи почтаи электронӣ: muattarkhon.bashirova@eda.admin.ch дархост намоед.
- Оиди қарори интихоб ҳамаи дархосткунандагон ба восита почтаи электронӣ хабар дода мешванд. Оиди сабабҳои интихоб нашудани дархост маълумот дода намешавад.

### *4. ҶАДВАЛИ ҚАБУЛӢ:*

31 марти с.2017 – рӯзи охири қабули ҳуҷҷатҳо.
30 апрели с.2017 – пешкаш намудани маълумот ба дархосткунандагон оиди интихоб ва ё рад шудани дархост.

### *5. ҲУҶҶАТҲОИ ЛОЗИМӢ БАРОИ ИРСОЛ :*

- Ҳуҷҷатҳо ва маълумотҳои ҳуқукӣ
- Замимаи 1 : Варақаи Ариза
- Замимаи 2: Буҷа

*<u>Ҳуҷҷатҳо ва маълумотҳои ҳуқуқии ташкилот:</u>*

Ҳамаи ҳуҷҷатҳои зарурие, ки вазъи ҳории ҳуқуқии дархосткунандаро исбот мекунад бояд ирсол намуд, ба монанди :

- Номи ташкилоти бақайдгирифташуда.
- Ҳуҷҷатҳои таъсисӣ (рақами бақайдгирӣ, сертификатҳо, оиннома, таснифи андоз).
- Рӯйхати коргарони асосӣ ва тарҷумаи ҳоли онҳо (CV).
- Маълумот оиди Шӯрои директорон ё шӯрои назоратӣ.
- Рӯйхати асосии шарикон.
- Нусхаи маълумоти ҳисоби бонкии ташкилот (пардохт танҳо тавассути бонк).
- Аудити ҳисоботи молиявии ду соли охир, аз ҷумла руйхати манбаи даромад (бо миқдори муайян, номҳо ва мақоми тарафайн).

- Ҳуҷҷатҳои дигари марбут, ки ба фикратон ба ҳуҷҷатҳои ҳуқуқӣ метавон дохил намуд.

*Шахси алоҳида ё гурӯҳи ташабусскор*

- Тарҷумаи ҳоли дархосткунанда/ҳо
- Нусхаи шиносномa/ҳо
- Тавсиянома
- Нусхаи маълумоти ҳисоби бонкӣ (пардохт танҳо тавассути бонк)
- Мақолаҳо, дигар намуди ҳуҷҷатҳо, ва ё маълумоти иловагӣ, ки метавонад нуфузи эътибори дархосткунандаро асоснок намоянд.

### 6. *РӮЙХАТИ САНҶИШ:*

*Пеш аз пешниход намудани лоиҳа, лутфан, руйхати зеринро бори дигар аз назар гузаронед:*

- Варақаи дархост мувофиқи талаботи дар дастурамал овардашуда, пешниҳод шудааст.
- Варақаи буҷа пурра ва асоснок мебошад.
- Ҳуҷҷатҳои лозимаи ҳуқуқӣ замима шудаанд.
- Пешниҳоди лоиҳа ба забони англисӣ, тоҷикӣ ва ё русӣ таҳия шудааст.
- Дархост дар ду нусха (бо тариқи почтаи электронӣ ва як нусхаи аслии он ба суроғаи Дафтари Швейтсария оид ба ҳамкорӣ дар Тоҷикистон) дар мӯҳлати муайян пешниҳод шудааст.
- Давомнокии лоиҳа на зиёда аз 12 моҳ мебошад.